Мел 63.3
С-13



# ХУРШЕДИ КОРЗАНЧӢ

Мсл 63.3
С-13

ҲАЗРАТ САБОҲӢ

# ХУРШЕДИ КОРЗАНЧӢ

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

Душанбе
«Адиб»
2009

Муҳаррир **Ю. Аҳмадзода**
Масаввир **А. Абдуллоев**



ISBN 978-99947-57-95-4

© Ҳазрат Сабоҳӣ, 2009

Дар охири даҳсолаи дуввуми асри ҳаштум, чунон ки аз ҳикоятҳои гузашта медонем, дар Суғд бар зидди арабҳо исёнҳо авҷ гирифтанд. Бузургони Суғд чунин мегуфтанд: «Ё душманро аз кишвар меронем, ё ғуломи ҳалқабаргӯш мешавем ё муваққатан тарки ватан мекунем».

Азбаски шӯришҳои пай дар пай ба шикаст дучор мешуд, аксари суғдиён роҳи саввумро интихоб намуданд. Бузургон ва яке аз асилзодагони Суғд Хуршеди Корзанҷӣ, ки аз шаҳраки Корзани Суғди Самарқанд буд, бо шоҳи Фарғона – Алутар шартнома бастанд. Мутобиқи он Алутар суғдиёни муҳоҷирро бояд паноҳ медод ва онҳоро дар Исфара сокин мекард.

Муҳоҷирони суғдӣ, ки аҳли Миёнколу Самарқанд буданд, бо сарварии Хуршеди Корзанҷӣ ба сӯи Фарғона раҳсипор шуданд. Онҳо то Хуҷанд расиданд ва муддате он ҷо монданд, то ки минбаъд ба Исфара раванд.

Дар ин ҳангом, яъне аввали соли 722 лашкаркаши арабҳо Ал-Харошӣ барои фурӯ нишондани шӯришҳо аз Хуросон ба Бухоро ва баъд ба Дабусия (наздикии Самарқанд) омад. Дар ҳамин вақт амакзодаи Алутар (шоҳи Фарғона) –Нилон ба назди Ал-Харошӣ расид.

Вай ба Ал-Харошӣ гуфт:



– Суғдиёну шоҳи Фарғона бо ҳам аҳд карданд. Ҳоло онҳо муваққатан дар Хуҷанд иқомат доранд. Ҳанӯз ки онон ба Исфара нарасидаанд, таъқибашон бикун. Зуд бош!

Суғдиён дар атрофи қалъаи Хуҷанд истеҳком ғирифтанд. Дар берун аз девори қалъа хандақҳо кофтанд. Барои фиреби душман рӯи онро ба матоъ пӯшиданд ва болояш хок рехтанд. Вақте ки Ал-Харошӣ ба қалъа наздик шуд, суғдиён дарвозаро кушода, ба арабҳо ҳуҷум намуданд. Азбаски сарбозони араб зиёд буданд, суғдиён зуд шикаст хӯрда, ба ақиб баргаштанд. Ҳангоми ақибнишинӣ бисёре аз онҳо ба хандақҳои худ рафтанд. Хуршеди Корзанҷӣ ба назди шоҳи Фарғона кас фиристод, то ки мувофиқи ваъда ба суғдиён ёрӣ намояд. Шоҳи Фарғона аз ёрӣ худдорӣ намуд. Суғдиён пай бурданд, ки ӯ онҳоро фурӯхтааст ва вайро хоин хонданд. Пас аз ҷангҳои шадид Хуршеди Корзанҷӣ ба Ал-Харошӣ хоҳиши сулҳ намуд ва ғуфт:

– Мардуми моро намекушӣ. Ба мо иҷозат медиҳӣ, то ки ба Суғд баргардем.

Ал-Харошӣ тамоми суғдиёнро аз Хуҷанд берун карда, ҳамаи аслиҳаи онҳоро гирифт ва худашонро дар қароргоҳи аскарони араб ҷой дод. Субҳи рӯзи дигар Хуршеди Корзанҷӣ аз матои сабз бар сари худ фӯта баст ва аз хайма берун омад. Мувофиқи гуфтугӯи қаблӣ ин нишони оғози шӯриш буд. Ҳамаи суғдиён ба шӯр омада, ба арабҳо дарафтоданд ва чандин нафари онҳоро куштанд. Дар ин ҷанг Хуршед кушта шуд. Ӯро Собит ибни Усмон ба қатл расонд. Ал-Харошӣ бештар аз ҳашт ҳазор нафар суғдии муҳоҷирро қатл намуда, ашёи қиматбаҳо ва зару зевари бузургон, ашрофон ва тоҷиронро ғанимат гирифт ва ба сарбозони худ тақсим кард. Бо вуҷуди ин ҳам мардум рӯҳафтода нашуд ва шӯриш дар Мовароуннаҳру Хуросон идома мекард.



**Ҳазрат Сабоҳӣ**

**ХУРШЕДИ КОРЗАНЧӢ**

*(Барои кӯдакони синни хурд ва синфҳои ибтидоӣ)*

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ. **М.Саидова**
Ҳуруфчини компутерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа17.08.09 таҳвил ғардид. Чопаш 03.09.09
ба имзо расид. Андозаи 60х841/16. Коғаз ва чопи офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 3000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи С/И «Маҳмудҷон» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, ноҳияи Рудакӣ, кӯчаи Зафар.
Тел.: 919 94 80 80